САИДҶАЛОЛ КАРИМЗОДА

# МАҲБУБИ ДИЛҲО

ДУШАНБЕ
«ИСТЕЪДОД»
2017

**ББК 84 тоҷик 7-5**
**К - 52**

**Муҳаррирон:**
**Саъдии Қосимӣ ва Акрам Боймадзода**

**Саидҷалол Каримзода. Маҳбуби дилҳо. Душанбе, «Истеъдод» - 2017, - 40 саҳ.**

**© Саидҷалол Каримзода, 2017**

## БА ПИСАРИ МЕҲРУБОНАМ ФАЙЗИДДИН

Файзиддини мо дилсӯз,
Пул овард бар ман имрӯз.
Гуфто: - Чоп кун китобро,
Гум накунӣ ҳисобро.
Шавад китобат тайёр,
Бар мо ҳам китоб биёр!
Аз Шумо миннатдорам,
Ба гапҳотон тайёрам.
Тайёр шавад ин китоб,
Албатта кунам шитоб.
Тақдим кунам бар Шумо
Ин китоби бебаҳо.
Фарзандони ширинам,
Аз ҷонам беҳтаринам,
Илоҳо хор нагардед,
Ба душман зор нагардед.
Меҳнатҳотон баргардад,
Хокро гиред зар гардад!

## ҒАЗАЛ

Шод бодо миллати осудаам, дар ин ҷаҳон,
Менависам, шеърҳои нав ба нав дар ин замон.
Аз қадим то ҳол душманҳои мо бисёр буд,
Бин ҳама сарсон шудастанд, байни чарху каҳкашон.
Холиқам: сарвар фиристод баҳри мулки Тоҷикон,
То тавонад, гулфишон созад диёри Тоҷикон.
Мо ҳама аҳли адаб бошем дар рӯи замин,
Мепарастем одамиро, то ки бошем одамон.
Ҳақ таъоло чеҳраашро сӯи мо гардондааст,
Аз шарофатҳои нураш ин замин шуд гулфишон.
Сад ҳазорон шукр гӯед мардуми бомаърифат,
Шоду мамнунем имрӯз, аз замин то осмон.
Шукри Ҳақро ин Ҷалолат доиман дорад ба лаб,
Бин, ки ҳар як ҳарфи ӯ гашта акнун ҳай гулфишон!

## НАҚҚОШИ ШОИРПЕША

Саидҷалол Каримзода аз зумраи мардони обрӯманд ва иззатманди ноҳияи Фархор ба шумор рафта, маҳз туфайли ашъори рангину муассираш шинохта ва эътироф гардидааст. Ӯ соли 1950 дар деҳаи Сафарайлони ноҳияи Ховалинг дар оилаи Раҳмонов Карим ном марди деҳқон чашм ба олами ҳастӣ кушодааст.

Солҳои 40 ва 50-уми қарни гузашта бо амри тақдир оилаи Раҳмоновҳо, инчунин қисмати зиёди мардуми баъзе деҳоти Ховалинг, Балҷувон, Сарихосор ва Шӯрообод ба ноҳияи Фархор кӯчонида шуданд. Аз ин ҷост, ки Саидҷалол Каримзода дар мактаби №4-и колхози Роҳи Ленин (ҳоло ҷамоати деҳоти ба номи Сафархӯҷа Шералиеви ноҳияи Фархор) таҳсили илм намуда, маълумоти миёна мегирад. Саидҷалол Каримзода аз хурдӣ зиндагии хуб надошт ва дар синни 8-солагӣ аз модари азизаш ҷудо шудааст. Ба ибораи дигар Саидҷалол маззаи гармию сардии зиндагиро аз хурдӣ чашида омадааст.

Саидҷалол марди некният ва шоиртабиат аст. Вале шароити душвори зист ба Саидҷалоли ҷавон имкон намедод, ки ӯ минбаъд таҳсили амиқ дар бахши ёрирасон ба шоирӣ дошта бошад. Баъди хатми мактаб бо роҳи худомӯзӣ аз рӯи мақоли «Мероси падар хоҳӣ, касби падар омӯз» амал карда, пешаи наққоширо касб намуд, ки ин ҳунари модараш Каримова Калонбӣ буд. Ӯ то ба ҳол дӯстдори пешааш буда, шахси ҳалолкор аст. Дар баробари ин, Саидҷалол Каримзода ошиқи назми шоирони классикию муосир гашта, дар муҳити суханофарони минтақа шину хез мекард. Устодони аввалинаш Аҳмадхон Амирхонов, Мирзо Рустамзода ва Акрам Боймадзода буда, ҳамнишинону ҳамсуҳбати равшанзамирони мактаби устодони сухани манзум - Ашӯр Сафар, Қурбоналӣ Раҷаб,

Хол Ислом, Яъқуби Ҳикматулло, Шарифҷон Асозода, Хоркаш Эргаш, Хайрандеш, Нурулои Орифӣ ва Илҳоми Ширин мебошад.

Калому баёни шоир халқӣ аст ва маҳз ин соддабаёнию хушгӯӣ боис гашта, ки ашъораш дилписанд гардад.

Маҷмӯаи «Маҳбуби дилҳо» намунаи аввалини рӯйи коғазомадаи ашъори шоир буда, ҳиссиёту ҳаяҷон ва андешаю розу хоҳиши дили як марди асили шеърдӯстро дар бар гирифтааст.

Умедамон бар он аст, ки умри шоир чандин даҳсолаҳои дигар бошаду умри абёташ ҷовидон.

***Саъдии Қосимӣ,***
***номзади илмҳои филология***

## ДИЛАМ МЕСӮЗАД

***(Бахшида ба воқеаҳои феврали соли 1992)***

Дили ман баҳри ҳама пиру ҷавон месӯзад,
Аз барои ҳама қурбоншудагон месӯзад.
Аз чӣ дар боғи шукуфон нафас аз хун бишамам,
Боғи ишқ аз асари фитнагарон месӯзад.
Аз чӣ дар мулки адабхез қиёмат бархост,
Оҳ, аз ин бешарафӣ дил ба фиғон месӯзад.
“Ҳар кӣ бо душмании халқ равон аст чу бахр”.
Ба яқин дар алави хашми замон месӯзад!

## ИҶЛОСИЯИ ТАҚДИРСОЗ

Ҳама ҷамъ омада дар Қасри Арбоб,
Барояд мулк то аз вазъи нобоб.

Вале нобоварӣ, нофаҳмиҳо буд,
Басо баҳсу басо чуну чаро буд.

Ҳама аз тахту мансаб буд безор,
Дар он вазъияту он ҳолату кор.

На чун ҳоло, зи мӯи сар зиёда,
Нишон худро бари сарвар бидода.

Зи ҷо бархост як марди ҳисорӣ,
Бигуфто бар ҷавоне ӯ ба зорӣ:

Таноби корро бар даст гирад,
Раисиро ба ин Шӯро пазирад.

Намонад то ватанро маҳв гаштан,
Набидҳад миллатеро бар шикастан.

Ҷавон Эмомалӣ Раҳмони мо буд,
Фиристода ба фармони Худо буд.

Зи ҷо бархост, гуфто: -Эй вакилон,
Фиристодандамон мардум ба армон!

Ки вазъи сарзаминро беҳ бисозем,
Ба ҳам оему бо ҳам сар фарозем.

Парешон кардани миллат нашояд,
Ватанро аз махуфӣ ҳифз бояд.

Надорам иддаои сарвариро,
Надорам орзуи дигареро.

Бибояд ҷангро хомӯш кардан,
Набояд халқро мағшуш кардан.

Фақат моро ҳамин як роҳ бошад,
Ҳама бишнидаву огоҳ бошад:

Фақат сулҳу сафо моро раҳонад,
Сари роҳи дурустеро расонад.

Силаҳҳо бар замин бояд гузорем,
Яке номонда онҳоро супорем.

Ҳама вайронаҳо обод созем,
Иморатҳо зи нав бунёд созем.

Набояд модари мо ашк резад,
Набояд хоки моро хасм безад.

Нахоҳам ҳамватан андар ғарибӣ,
Кашад ранҷу азобу музтарибӣ.

Ҳамин аст орзуи ман, ҳамин аст,
Маро умре Ватан ин сарзамин аст.

Шуниданд ин суханҳоро вакилон,
Сухан карданд чанде з-ину ҳам он.

Яке мегуфт: -Ин ҳоло ҷавон аст,
Рагаш ларзанда, бораш бас гарон аст.

Зи андак мушкилӣ ӯ сар битобад,
Илоҷи мушкилӣ шояд наёбад.

Дигар гуфто:- Ҷавонмарди асил аст,
Касе ӯро намефаҳмад, разил аст.

Сазад ӯро пазирем раҳбари худ,
Намояд тинҷ барҳақ кишвари худ.

Дар ин Иҷлосия аз якдиляшон
Бибин, дарёфт соҳиб Тоҷикистон.

## БА РОҲНАМОИ ТОҶИКОН ЭМОМАЛӢ

Сарвари бошаъну шон, Эмомалӣ,
Аз диёри тоҷикон, Эмомалӣ.
Номи некаш ҳамчу қанде дар даҳон,
Вирди ҳар пиру ҷавон, Эмомалӣ.
Офарин, ки зинда карда дар ҷаҳон
Давлати Сомониён, Эмомалӣ.
Ҳар кучо буда равон мардонавор,
Рустаме аз достон, Эмомалӣ.
Ҳар хаёли ӯст чун тире, ки он
Мерасад андар нишон, Эмомалӣ.
Нуқтадону хушсухан гӯйи, ки чун
Булбули ширинзабон, Эмомалӣ.
Андар олам миллати тоҷикро,
Кард  машҳури ҷаҳон, Эмомалӣ.
Ман надидам мисли ӯ андар ҷаҳон,
Кордону Қаҳрамон, Эмомалӣ.
Ҳамчу Юсуф чеҳраи нуронияш
Зеби ҳар як хонадон, Эмомалӣ.
Аз накӯкорӣ шуда бас некном,
Номи некаш ҷовидон, Эмомалӣ.
Аз дили мардум рабуда кинаро,
Марди имону амон, Эмомалӣ.
Ҳақтаъоло доимо бахшандааст,
Аз шоҳи одил нишон Эмомалӣ.
Дӯстдори Тоҷикистони азиз,
Бар халоиқ меҳрубон, Эмомалӣ.
Бас амонии ҷаҳон хоҳӣ мудом,
Эй амонии ҷаҳон, Эмомалӣ.
Номи некаш монад андар ин ҷаҳон,
Аз Замин то Каҳкашон, Эмомалӣ.

Ҷумла мардони замонаш бишмаранд,
Як ҷавонмарди замон, Эмомалӣ.
Кӯҳи хороро бурида роҳ сохт,
Ҳамчу Фарҳоди замон, Эмомалӣ.
Об гуфто медиҳам бар одамон,
Шуҳраташ то ҷовидон, Эмомалӣ.
Номи некон доимо вирди забон,
Эй ҷасуру паҳлавон, Эмомалӣ.
Бемуҳобо, ман бигӯям ин сухан,
Зеби садҳо достон, Эмомалӣ.
Нест дар рӯи замин монанди ӯ,
Омада ё з-осмон, Эмомалӣ?
Дар сифоташ Саидҷалол нек гуфт:
- Шоҳи шоҳони замон, Эмомалӣ.
Эй Худованди замину осмон,
Бош бар Эмомалӣ ёрирасон!

## НУРЕ АЗ ХУДО ОМАД

Дармони дили мардум, бар дард даво омад,
Аз рӯи замин нею гӯё зи само омад.
Омад сари ин давлат Эмомаличони мо,
Бар камбағалу дарвеш бо амри Худо омад.
Эй хастадилони даҳр, навмед набояд буд,
Бар сарзамини точик сулҳею сафо омад.
Бинед ҳама хурсанд, бо файзу сахо бошем,
Болои сари точик точаш ба чило омад.
Мардона қадам монем имрӯз ба ҳар як чо,
Бар захми дили миллат дорую даво омад.
Имрӯз ҳамебинед ҳам шодию хурсандӣ,
Бин бар сари мо имрӯз сад файзу сахо омад.
Саидчалоли мо сад шукри Худо гӯяд,
Нуре зи Худо омад, точи сари мо омад.

## МАҲБУБИ ДИЛҲО

***(Эҳдо ба раҳнамои тоҷикон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон)***

Сад шукри Худо, Худо маро шоир кард,
Бо гуфтани ҳар сухан маро моҳир кард.
Гӯям сухани базеб ман бар ҳамагон,
Ҳар як сухани маро Худо ҳозир кард.

Ба Душанбе гузар кардам яке рӯз,
Бидидам гулшану гулҳои фирӯз.
Вуҷудам аз ғаму андуҳ барӣ шуд,
Зиҳӣ, эй Сарвари ғамхору дилсӯз.

Ҳама аҳли Ватанро шод кардӣ,
Ватанро эй басо обод кардӣ.
Бидидам душманонат хаста гаштанд,
Басо аъмолашон барбод кардӣ.

Сад ҳазорон байт гӯям аз бароят, ин кам аст,
Ин дили бечораи ман сар ба сар пур аз ғам аст.
То даме, ки зинда бошам, менависам баҳри ту,
Чунки доим чашми ман бе дидани ту пурнам аст.

Эмомалиҷон дар Ватан Истиқлол аст,
Халқони Ватан ҳай ҳамагӣ хушҳол аст.
Дар байни ҳама давлати дар рӯи ҷаҳон,
Билло ба Худо, ки дӯстон, иқбол аст.

Иқболи баланди ту  иқболи ҳама мардум,
Ин хонаи мо бингар чунону пур аз гандум.
Эмомалиҷони мо бе чуну чаро хуб аст,
Шукрона кунем охир, ӯ Сарвари маҳбуб аст.

Мардум ҳама мегӯяд шукронаи он Аллоҳ,
Бар мо назаре кардаст бо чашми дил, Иншоллоҳ.
Эмомалиҷонро ӯ чун сарвари мо овард,
Аллоҳ зи ҳоли мо ҳар лаҳза будаст огоҳ.

Шарме накунед асло, шукрона кунед, ёрон,
Бо ҳамдигарӣ умре шодему ҳама хандон.
Эмомалиҷони мо бо меҳру вафо бошад,
Имрӯз намебинам дарду ғами фарзандон.

Эмомалиҷон ҳазору садсола шавад,
Ҷону тани ӯ барои мо соя шавад.
Ӯ соя шавад зи баҳри ҳар  ҳамватанаш,
Ҳар як суханаш ба мисли сармоя шавад.

Эмомалиҷони мо басо хоксорай,
Ҳар як қадамаш  барои мо осорай.
Гар хеста равӣ, бибинӣ кору бораш,
Ин марди Худо бар  ҳама кас даркорай.

Ба чашми дил нигар Эмомалиро,
Ҳама обод бин рӯйи заминро.
Илоҳо умри ӯ боқӣ бимонад,
Ҳама хоҳад, ҳама хоҳад ҳаминро.

Ин чархи фалак фарози гардун бошад,
Эмомалиҷон сафои анҷум бошад.
Қалбаш сӯзад барои ҳар одамизод,
Қадраш баланд байни мардум бошад.

Дар болои сар, дӯстон, як офтовай,
Дар шаб нигарӣ, агар як маҳтовай.
Эмомалиҷони мост дар рӯи замин,
Бар ӯ нигарӣ, ҳамеша ӯ беховай!

«Дар баргаки гул шабнами тар мебинам»,
Эмомалиро ҷону ҷигар мебинам.
Эмомалиҷони мо падар шуд бар мо,
Душманҳои ӯ дар таги ҷар мебинам!

Во карда ду чашми хешу дунё дидам,
Дунё ба мисоли пари анқо дидам.
Эмомалиҷон чу шоҳи моён гардид.
Дунёра ба як қарор ин ҷо дидам.

Мо ханда занем, ки Шоҳи Султон дорем,
Дар болои сар Эмоми Раҳмон дорем.
Дӯстони азиз, расед, шодӣ созем,
Ин марди ҷасур аз Оли Сомон дорем.

Гул дар Ватан асту дар чаман мерӯяд,
Эмомалиҷон ба мо сухан мегӯяд.
Рози дили ӯ ба ҳар касе маъқул аст,
Сулҳи ҳамаи хоки Ватан меҷӯяд.

Ситораи осмона дар шаб дидам,
Эмомаличона пеши мактаб дидам.
Дидам, дидам, бисёр хурсанд шудам,
Дар хоби шабам бар сари матлаб дидам.

Шукрона кунед шоҳи Сомон омад,
Фарзанди азизи хоки Хатлон омад.
Мо хастадилони даҳр будем рӯзе,
Шукрона кунем, Эмоми Раҳмон омад.

Шукронаи амни давру даврон бояд,
Шукронаи Эмомалӣ  Раҳмон бояд.
Шукрона кунед боз ҷанге нашавад,
Шукронаи рахту бахти хандон бояд!

Дар кӯҳ будам, савти най омад бар гӯш,
Акнун ҳама тоҷикон расиданд ба ҳуш.
Эмомаличон ба тахти шоҳӣ биншаст,
Дарду ғами мардумон бигрифт ба дӯш.

Эмомаличон як марди қобил бошад,
Дар кори худаш хамеша оқил бошад.
Шукрона кунед, боз шукрона кунед,
Ҳар ҷо ки равад, ҳамеша одил бошад.

Ҳар ҷо ки сафар дорад бо амри Худо,
Аз дидаи халқи худ нагардида ҷудо.
Дӯстони азиз, дуо кунед дар ҳаққи ӯ,
Ҳар ҷо ки сафар кард, паноҳаш ба Худо!

Ин боғи калона себакош бар ба барай,
Эмомалиҷона бин, андар сафарай.
Ӯ дар сафарай, барои мо дар сафарай,
Эмомалиҷон ҳамеша болои сарай.

Зиндагӣ осон набуд, осон бишуд,
Худ сабаб Эмомалӣ Раҳмон бишуд.
Дида будем тангдастиҳо басе,
Ин дили бечора боармон бишуд.

Лаби шоҳам ҳаме бо ханда бошад,
Ҳамеша ӯ аниси банда бошад.
Худовандам ба моён бахти хуб дод,
Бибин имрӯз ҳама боханда бошад.

Эмомалиҷон, ту хештан дил кардӣ,
Ба феъли хушат халқа қоил кардӣ.
Рафтӣ ба ҳама гӯшаи дунё чун дӯст,
Худро ба дили одамӣ моил кардӣ.

Эмомалиҷон, қади баланде дорӣ,
Андар сари кор ба каф каланде дорӣ.
Ҳар гаҳ, ки равӣ ба назди деҳқонзода,
Ҳам лутфи латиф, забони қанде дорӣ!

Ман садқаи он забони ширинат шам,
Ҳам садқаи он нигоҳи хушбинат шам.
Ҳар гаҳ, ки ба машқҳои ҷангӣ нигарӣ,
Ман садқа ба он хаёли чандинат шам.

Дар даҳри дурӯза мо ҳама меҳмонем,
Эмомалӣ Раҳмона падар мехонем.
Фарёд аз он замони тангу торик,
Онро ҳама мо ба чашми сар медонем.

Аз дили моён рабуд ӯ кинаро,
Пур намуд бо меҳри худ ҳар синаро.
Аз барои мо туӣ, Эмомалӣ,
Ҷонфидои мо туӣ, Эмомалӣ.

Ҳар халқи диёр бахайру боэҳсон аст,
Чакдони банури модарон пурнон аст.
Шукрона кунед, боз шукрона кунед.
Эмомаличон ба мисли мағзи нон аст.

Мо мардуми бечораю нодор будем,
Бар бурдаи нон мудом мо зор будем.
Эмомалӣ чун нишаст бар тахти шаҳӣ,
Пас донистем, ки мо падардор будем.

Зи гул, себарга ҷо оро бидодем,
Ба пеши шоҳи худ роҳе кушодем.
Бигуфтем лаҳзае дилшод бошад,
Каме аз ғусса ӯ озод бошад.

Ситорара мебинум дар осмонай,
Меҳмон омадаст, Эмомалӣ Раҳмонай.
Меҳмон бувад ӯ, равед пешаш, ёрон,
Ҳозир меравад, зиёд саргардонай!

Ин пистазамина бин дар кӯҳсорай,
Бар дидани Эмомалӣ бин, бозорай.
Дӯстони азиз, зиёд ғавраш накунед,
Ҳар рӯз ҳамебинед, пушти корай.

Бингар, ки диёри тоҷикон кӯҳсорай,
Эмомалиҷона бин, аҷаб хоксорай.
Ӯ хоксорай, ба халқи мискин ёрай,
Баҳри ҳама мардумон ӯ даркорай.

«Даруни дил басе ганҷина дорам,
Ҳазору як сухан дар сина дорам.»
Худо, Эмомалиҷонро нигаҳ дор,
Шаҳи мардумнавоз, бекина дорам.

Ин гандума менигар, ки кайҳо пухтаст,
Афзун дили Эмомалӣ бар мо сӯхтаст.
Сӯхтаст, сӯхтаст, боз ҳаме месӯзад,
Чашмоша нигар, миёни гандум дӯхтаст!

Эмомалиҷона бештар бинвозед,
Ҳам пайкарааш зи оби тилло созед.
Дӯстону азизону бузургони Худо,
Аз он хираду ақли расояш нозед.

Бахт омадаасту бин ҳама хандон шуд,
Ин сарвари мо - Эмомалӣ Раҳмон шуд.
Шукрона кунеду боз шукрона кунед,
Душман ҳама ҷо нагуну саргардон шуд.

Эмомалиро ба сони рамзе дидам,
Дар тораки кӯҳ ниҳоли сабзе дидам.
Ӯ рамз зи дӯстист дар рӯи ҷаҳон,
Эмомалиро ба мисли набзе дидам.

«Дар даштаки Данғара гули лола шукуфт»,
Эмомалиро бибин, ки бар мардум гуфт:
«Бошед ба ҳам ба дӯстии садсола»,
Инро ба ҳама рӯи ҷаҳон чун дур суфт.

Ёрони ширин, ба ҳамдигар созӣ кунед,
Эмомалиро бидида, анбозӣ кунед.
Ҳар пиру ҷавон, ҷумлаи мардумро,
Бо феъли накӯву хӯи хуш розӣ кунед!

Ин умри ҷавонӣ бас гарон меарзад,
Эмомалӣ ҳам ба сад ҷаҳон меарзад.
Дар умри ҷавонӣ мо хушем бо ин шоҳ,
Донед, ба нархи накди ҷон меарзад.

Имрӯз дилам хурраму шодон бошад,
Пеши назарам Эмоми Раҳмон бошад.
Бар ҳикмату илми ӯ назар андозед,
Чун Ибни Сино табиб бар ҷон бошад.

Ин рӯи замина сар ба сар мегардам,
Дур аз ҳама қавми ҳиллагар мегардам.
Эмомалиҷон, агар биёяд Фархор,
Аз шодии дил дигар – дигар мегардам!

Умри ширин, дӯстон, барбод рафт,
Талхрӯзиҳои пеш аз ёд рафт.
Ҳар гаҳе бинам ба рӯи хуби шоҳ,
Ман намегӯям, ки мисли бод рафт.

Дастархони рӯи миз пур аз нон аст,
Эмомалиҷон ғамбари инсон аст.
Таъриф намекунам ман беҳуда,
Маълуми ҳама шуд  чӣ сон инсон аст!

Эмомалиҷон, дар ин Ватан занбӯрем,
То ҳаст шоҳ ӯ, қавитанему зӯрем.
Дӯстони азизи ман, бигӯям ба шумо,
Аз ранҷу азобу дард доим дурем.

«Дар тори ҳаво селаи кафтар дидам»,
Хоки ватанам басо, ки беҳтар дидам.
Эмомалӣ чун  нишаст бар тахти шаҳӣ,
Ӯро, ба Худо, ба мисли ахтар дидам.

Абр омада, бин, ки ҳар куҷо борон шуд,
Эмомалӣ шоҳу зиндагӣ осон шуд.
Ҳар дарду ғаме, ки доштем андар дил,
Аз сина бирафт, дил беармон шуд.

Эмомалӣ то ба мост, ҷон дорем мо,
Як суфра пур аз неъмату нон дорем мо.
Акнун нигаред бар ҷаҳони гузарон,
Дар ҳарду ҷаҳон ному нишон дорем мо.

Эмомаличон, ту марди доно боші̄,
Хушфеълу накӯю марди зебо боші̄.
Андохтаам назар ба рӯят, донам,
Доно ба мисоли Ибни Сино боші̄!

Ин чархи фалак зери борон бошад,
Эмомаличон миёни ёрон бошад.
Бар камбағалу фақир дӯсти чоні̄,
Ӯ душмани каждумону морон бошад.

Дар ин даврон тамоми рӯз бозорай,
Эмомалиро бибин дар гулзорай.
Гуфтам ба ҳама, бори дигар мегӯям,
Ин марди бузург ҳамеша беозорай.

Эмомалира тоҷбасар мебинам,
Бо халқи ҷаҳон бари ба бар мебинам.
Ҳар гаҳ, ки сухан бигӯяд аз минбари халқ,
Дар минбари халқ покгуҳар мебинам.

Дар қаъри замин манам ва ё ки ба ҳаво,
Эмомалиро дӯст бидорам ба Худо.
Пайдо шавад ар касе варо ганда кунад,
Аз қаҳру ғазаб ба ӯ ҳамеша-м ба ғазо.

Эй раҳгузарон, ба ин замин мегузаред,
Эмомалиро ба тахти заррин бибаред.
Дар тахти заррин, нишастанаш хуш н-ояд,
Бо зораву илтимосу тамкин бибаред!

Дар лабаки об нишаста моҳӣ дидам,
Эмомалиро ба зеби шоҳӣ дидам.
Ҳар як суханаш ба хуми тилло арзад,
Дар болои сар варо доҳӣ дидам.

Худоҷонам ба ман сармоя бошад,
Ҳамин Эмомалиҷон соя бошад.
Худоё, бахти олам бар сараш рез,
Барои аҳли дил ӯ поя бошад.

Дар гузари мо, дӯст, чархофалакай,
Номаки Эмомалира бин дар фалакай.
Дӯстони азиз, бигӯям инро ба шумо,
Дар сурату дар сират ба мисли малакай.

Эй чархи фалак, ба мо чиҳо оварда,
Эмомалиро кони сахо оварда.
Эмомалӣ чун расид, мо донистем,
Бар мардуми мо меҳру вафо оварда.

Дар даҳани тиреза гулу гулдон аст,
Дар болои тахт Эмомалӣ султон аст.
Шукронаи он Худои поки дунё,
К-ӯ бахти баланд, ганҷи тоҷикон аст.

Ҷои хубу гулфишон - Хуррамзамин,
Мулки зебо дар ҷаҳон - Хуррамзамин.
Зодгоҳи сарвари ғамхори халқ,
Маскани сулҳу амон - Хуррамзамин.

Ман ҷумлаи тоҷикон хандон дидам,
Дар курсии он Эмоми Раҳмон дидам.
Бо хайру сахо касест дар рӯи ҷаҳон,
Ӯро ба мисол Анӯшервон дидам.

Дар набарди зиндагонӣ Шоҳи оқил дидамат,
Байни шоҳон, бемуҳобо, марди қобил дидамат.
Кардӣ даъват бар Ватан Бозори Собиррову ман
Аз Анӯшервони Одил дида одил дидамат.

Ин булбули навбаҳор чаҳ-чаҳ гӯяд,
Эмомаличон сухан чу ҳар гаҳ гӯяд.
Бо ҳамдигарӣ кунед ёрӣ умре,
Ҳар соату ҳар замону ҳар маҳ гӯяд.

Дар минбари анҷуман аҷаб зебоӣ,
Эмомаличон, аҷаб ширин метобӣ.
Бо дидаи хеш нигаҳ намоям сӯят,
Дар байни ҳама шаҳон ту чун афтобӣ.

Аз дида барои зиндагӣ тар гаштем,
Андар ғами зиндагонӣ бадтар гаштем.
Эмомаличон бидод бар мо пандаш,
Дар сӯзу гудоз ҳол камтар гаштем.

Дар кишвари мо ҳазор роҳ аст имрӯз,
Душман ҳама ҷо ба зери чоҳ аст, имрӯз.
Эмомаличон биёяду ханда кунад,
Бингар ба Ватан, базеб моҳ аст имрӯз.

Эмомалиҷон марди накӯрӯй бувад,
Хушсурату хушмарому хушгӯй бувад.
Ман менигарам ба чеҳраи зебояш,
Дар рӯи ҷаҳон аз ҳама хушрӯй бувад.

Мароми шоҳи кишвар – орзуям,
Ҳамин дарди дилам бояд бигӯям.
Бибин рӯи ҷаҳон ҷангу ҷидол аст,
Ба дунё сулҳу ваҳдатро биҷӯям.

Дилам хоҳад, ки дастонат нависам,
Зи рӯи ақлу виҷдонат нависам.
Намудӣ Тоҷикистонро ту гулзор,
Ҳама эъҷозу эҳсонат нависам.

Мискину бенавоён аз туст шоду хандон,
Парвардигор бошад доим туро нигаҳбон.
Асло набинӣ ғамро, Эмомалии Раҳмон,
Дасти камӣ набинӣ, чунки туӣ баимон.

Сад шукри Худо, ки шоҳи Сомон дорем,
Дар тахти заррин Эмоми Раҳмон дорем.
Бар миллати тоҷикон ман менигарам,
Дар рӯи ҷаҳон зисти осон дорем.

Мурғобира бин аз лаби ҷӯ парвоз кард,
Эмомалиҷон ба аҳли олам роз кард.
Ӯ роз намуд ба ҷониби рӯи ҷаҳон,
Сулҳи ҳамаи рӯи ҷаҳон оғоз кард.

Сайрони ҷаҳон чу Ҳотами Той кунӣ,
Эмомалиҷон, сафар ба Хитой кунӣ.
Ман менигарам хубият бо дида,
Мулки ҳама тоҷикора ту бой кунӣ.

Эмомалиҷон, кулоҳи заррин ба сарат,
Аз ҳоли тамоми халқ бошад хабарат.
Дар арсаи зиндагию дар рӯи ҷаҳон,
Аҳли адабу илм ҳамеша ба барат.

Эмомаличон, ҳамчу садаф гулчинӣ,
Кулли каси гандаву бада бад бинӣ.
Мегардию мебинӣ ту ин рӯи ҷаҳон,
Аз қисмати талхи одамон ғамгинӣ.

Дар олами дарду ғам ту саргардонӣ,
Дар ёди тамоми одамон мемонӣ.
Дар даҳр надида кас чунин шоҳи бузург,
Эмомалиҷон, ту қадри кас медонӣ!

Тоҷикистони азизро тоҷи дунё кардаӣ,
Тозаву озода аз гирдоби ғамҳо кардаӣ.
Бин кунун ин одамон меҳмон шуда бар кӯи ту,
Дар миёни баҳру бар машҳури дунё кардаӣ.

Он мазораки Ҳазрати Шоҳа садқа,
Ҳам Эмомалӣ Раҳмони шоҳа садқа.
Мардум ҳамашон зиёрати Шоҳ раванд,
Эмомалию Ҳазрати Шоҳа садқа.

Мегум, ки ба ту якта дастон хонум,
Бо сӯзи дилу зи рӯи виҷдон хонум.
Дидам ба ду чашми хеш кори некат,
Аз тахти дилу ҳам ба дилу ҷон хонум.

Дармони дили дарвеш чун кӯи сахо омад,
Аз рӯи замин нею гӯё зи само омад.
Омад сари ин давлат Эмомалиҷони мо,
Бар камбағалу дарвеш бо амри Худо омад.

Ҳамин чархи фалак гаҳ-гаҳ хароб аст,
Аз ин рӯ одамизод дар азоб аст.
Ҳамин Эмомалиҷонро нигаҳ дор,
Барои одамизодон Ҷаноб аст.

Ҳар субҳи Худо бӯи биҳишт меояд,
Эмомалиро чӣ сарнавишт меояд?
Эй халқи Худо, ба пешвозаш биравед,
Чун ҳадяи поки сарнавишт меояд.

Эмомалиҷон, базми калон оростӣ,
Дар болои мошинат ростӣ, ростӣ.
Дар дидаи мардумон азиз метобӣ.
Дунёро ба як қарор хостӣ, хостӣ.

Эй марди ҳалим, хоки пота садқа,
Ду чашми сиё, торҳои қошта садқа.
Худ гуфта будӣ, ки Тоҷикистон Ватан аст,
Арвоҳи падар, модари покта садқа.

Соли наваду ду ҳама гирён дидем,
Мулки тоҷикора ҳама вайрон дидем.
Эмомалиҷон расид бар тахти шаҳӣ,
Аҳли ҳамаи диёра хандон дидем.

Тоҷикистонро гулистон кардаӣ,
Одамонро шоду хандон кардаӣ.
Менависам шеърҳо дар васфи ту,
Як ҷаҳонеро ту ҳайрон кардаӣ.

Гӯри падарам дар офтоб сӯзон аст,
Эмомалиё, бафайзӣ, нон арзон аст.
Нон арзон аст, зинадагӣ осон аст,
Аз меҳру муҳаббаташ ҳама хандон аст.

Хизматат дар баҳр кардӣ, то бигардӣ баҳрдил,
Бин ҳамаро нигаронӣ, ин ҳама бо чашми дил.
Дӯст медорӣ Ватанро бо тамоми ҳастият,
Хонаҳо созӣ Ватанро, бин ҳаме бо обу гил.

Дар кишвари хеш мо чӣ даврон дорем,
Дар тахти зар(р)ин Эмоми Раҳмон дорем.
Дӯстони азиз, шукри Яздон созед,
Як марди ҳалиму Шоҳи хандон дорем.

Бо дуои модарон маҳбуби дилҳо гаштаӣ,
Дар миёни баҳру бар бофайзу эҳсон гаштаӣ.
Ман бигӯям ин сухан баҳри Шумо Эмомалӣ,
Бас самимӣ аст, ки машҳури дунё гаштаӣ.

Ӯ зодаи Раҳмон аст,
Аз ғамҳо дар амон аст.
Аз баҳри ғами мардум,
Бораш басо гарон аст.

Бар ҷони худат азоб кардӣ,
Ҷону ҷигарат кабоб кардӣ.
Баҳри Меҳан Эмомаличон,
Чандин ҳазор савоб кардӣ!

❁ ❁ ❁

Намудӣ қадр ту Эмоми Аъзам,
Насибат бод оби ноби Замзам.
Надидам дар ҷаҳон ин гуна одам,
Худо бошад ба ту доим ҳамдам.

Худоро сояи покаш ту бошӣ,
Ҳамон гарди зару хокаш ту бошӣ.
Ҳама донад, ки дунёро Худо сохт,
Ҳамон як ҳиммати покаш ту бошӣ.

Ҳалолат бод бар ту шири модар,
Ҳамон обе, ки нӯшидӣ зи Кавсар.
Забонат бо дилат як ҷо бигашта,
Надида-ст ҳеҷ кас ин гуна сарвар.

Нигар бар ин ҷаҳон шоҳу гадоро,
Ҳамагон дӯст медоранд Худоро.
Бидидам дар тамоми рӯи олам,
Ҳама некӯ бигӯяд мар шуморо.

Иқболи баланд бар ту муборак бошад,
Ҳам номи баланд бар ту муборак бошад.
Рафта ба ҷаҳон номи накӯят дидам,
Ин номи накӯ бар ту муборак бошад.

Ҳазор шукрона гӯям, эй Худоҷон,
Ту сохтӣ соябон Эмомалӣ Раҳмон.
Агар гӯям лак-лак шукри Яздон,
Бимонад бар дили ман боз армон!

Ҳамон рӯзҳои аввал роз гуфтӣ,
Ба минбарҳо чу гулҳо ту шукуфтӣ.
Нагуфтӣ ту ба ҳеҷ гуфта дурӯғе,
Ба халқи меҳанат ту рост гуфтӣ.

Худо бошад мададгори ту доим,
Худо бошад саранҷоми ту доим.
Илоҳо душманонат кӯр гарданд,
Бимонад дар ҷаҳон номи ту доим!

Кабӯтарвор мегардӣ ба ҳар ҷо,
Сухан аз сулҳ мегӯӣ ба ҳар ҷо.
Ту мегӯӣ, ки одам бошад озод,
Сухан бо лутф мегӯӣ ба ҳар ҷо!

## ВАҲДАТ

Файзу осоиш ба дунё, ин ҳама аз Ваҳдат аст,
Зебу зинатҳои воло, ин ҳама аз Ваҳдат аст.
Гар набошад дӯстӣ, олам чӣ кор ояд ба мо,
Дар сари хон шишта якҷо, ин ҳама аз Ваҳдат.
Эй бародарҳои ҷонӣ, боғрову роғро,
Шодмон кардан тамошо, ин ҳама аз Ваҳдат аст.
Кинаварзии яке бар дигаре аз душманист,
Кинаҳо рондан зи дилҳо, ин ҳама аз Ваҳдат аст.
Васфи Ваҳдат булбулосо аз сарои дӯстӣ,
Қисса хондан рӯзу шабҳо, ин ҳама аз Ваҳдат аст.
Аз қафои илму ирфон як ҳаёт, Саидҷалол,
Тоб хӯрдан мисли дарё, ин ҳама аз Ваҳдат аст!

## БА ПЕШВОИ МИЛЛАТ

Эй Пешвои миллатам,
Эй шаҳсутуни давлатам,
Бошӣ шукӯҳу савлатам,
Фарзонамарди тоҷикон!

Эй марди мардони ҷаҳон,
Аз азми ту мо шодмон,
Моро кафилӣ бар амон,
Фарзонамарди тоҷикон!

Хонам туро ман чун падар,
Моро раҳондӣ аз хатар,
Аз туст тоҷик тоҷвар,
Фарзонамарди тоҷикон!

Эй нури чашми тоҷикон,
Эй булбули ширинзабон,
Эй шоҳи бахти тоҷикон,
Фарзонамарди тоҷикон!

Доим ту бошӣ сарфароз,
Умрат ҳаме бодо дароз,
Ҳастӣ ту доимо ҳамроз,
Фарзонамарди тоҷикон!

Эй ҷони мо дар ҷони ту,
Ҳастем дар фармони ту,
Доим мо пазмони ту,
Фарзонамарди тоҷикон!

## ҚАСРИ МИЛЛАТ

Қасри миллат, хонаи бахти манӣ,
Хонаи уммеду ҳам тахти манӣ.
Қаср гӯям, модарам ояд ба ёд,
Меҳри беандозаи сахти манӣ.

Қасри миллат, қасри виҷдони манӣ,
Қасри миллат, нури чашмони манӣ.
Бе газофу бе муҳобо дар ҷаҳон,
Қасри миллат, нури имони манӣ.

Ин қаср бибин, миёни гулзор бувад,
Дар дохили он раҳбари ғамхор бувад.
Ман менигарам ба чеҳраи зебояш,
Хушсурат аҷибу бас хушафкор бувад.

Қасри миллат - қасри аҷдодони ман,
Қасри бахти модари хандони ман.
Қаср гӯям, дил ба ҷавлон оядам,
Қасри нури бахти фарзандони ман.

Қасри миллат, қасри нури бахти ман,
Қасри гардунбӯсӣ, тоҷу тахти ман.
Ман надорам шиквае дар ин ҷаҳон,
Қасри миллат, ай имони сахти ман.

Қаср дорам дар ҷаҳони зиндагӣ,
Қаср дорам дар вафои зиндагӣ.
Беватанҳоро зиёда дидаам,
Фахр дорам дар сарои зиндагӣ.

Шукри қасру шукри шоҳам мекунам,
Шукр бар ҳар роҳу ҷоҳам мекунам.
Шукр мегӯям Худоро доимо,
Шукрро пушту паноҳам мекунам.

Қаср гӯям, миллатам ояд ба ёд,
Қаср гӯям, давлатам ояд ба ёд.
Дар вафояш ҷон фидо созам кам аст,
Қаср гӯям, савлатам ояд ба ёд.

Қаср дорам, дӯстон, дар кишварам,
Хонаи уммеди ман, ӯ гавҳарам.
Дӯст дорам ман варо чун ҷони худ,
Хонаи бахти ман аст, сулҳоварам!

## НИШОНИ ДАВЛАТ

Эй нишонам, тоҷу тахти давлатам,
Эй нишонам, ту нишони давлатам.
Баҳри ту ман фахр дорам дар Ватан,
Эй нишонам, ҳастӣ тоҷи давлатам.

## ПАРЧАМ

Ҷилва бинмо парчамам дар ин фазо,
То нафас гирам каме дар ин ҳаво.
Ранг-ранг ҷилва намоӣ ҳар пагоҳ,
Бинамат ман ҳар гаҳе дар ин само.

Ҷилваҳоятро ба гардун дидаам,
Ишқи худ бо ту чу Маҷнун дидаам.
Мекунӣ пар-пар миёни меҳанам
Рангу рухсорат чӣ гулгун дидаам!

# МУНДАРИҶА


Наққоши шоирпеша.............................................. 5

Дилам месӯзад....................................................7

Иҷлосияи тақдирсоз............................................ 8

Ба роҳнамои тоҷикон Эмомалӣ............................11

Нуре аз Худо омад.............................................13

Маҳбуби дилҳо...................................................14

Ваҳдат...................................................................33

Ба Пешвои миллат..............................................34

Қасри миллат...................................................... 35

Нишони давлат................................................... 37

Парчам..................................................................37

САИДҶАЛОЛ КАРИМЗОДА

# МАҲБУБИ ДИЛҲО

Муҳаррири техникӣ:
***Фаридун Муродализод***

Тарроҳ:
***Ҳаётулло Холов***

Ба матбаа 20.12.2016 супорида шуд.
Ба чопаш 06.01.2017 имзо шуд. Коғази офсетӣ.
Чопи офсетӣ. Ҳуруфи адабӣ. Андозаи 60x84 $^{1}/_{16}$. Ҷузъи
чопии шартӣ 2,5. Адади нашр 100 нусха.
Супориши № 02/17.

Нашриёти ***«Истеъдод».***
734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 36.
Тел.: 21-95-43. E-mail: istedod2010@mail.ru